Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият
ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон

Шарти асосии омодагии ҷангиву қобилияти мудофиавии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ интизоми қавӣ ва тартиботи қатъӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

№12 (224)
25 декабри соли 2024

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Софдилонаву содиқона бояд хизмат кард



Мувофиқи нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 декабр дар ҳама ҷузъу томҳо бо мақсади муайян кардани ҳолати омодабошӣ ва тайёрии ҷангӣ, хизмати қӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбӣ, хизматрасонии аслиҳаву техника ва таъминоти ақибгоҳ санҷиши маҷмӯи ҷамъбасти фаъолияти қисмҳои ҳарбӣ гузаронида шуд.

Дараҷаи омодабошии ҷангӣ, таъминоти аслиҳаву техника, интизом ва маҳорату малакаи касбии ҳайати шахсӣ тайёрӣ ва мавқеи ҳар як сохтори низомиро муайян мекунад. Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани ин нишондодҳо мутобиқи нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиши маҷмуии ҷамъбасти тайёрии ҷангӣ дар ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ гузаронида шуд. Бояд қайд намоем, ки ин чорабинӣ дар ҳар як давраи таҳсил дар асоси нақшаи муайян ташкилу ба роҳ монда мешавад. Ин дафъа ҳам ҳайати роҳбарикунанда, сардорони раёсату шуъбаҳои фармондеҳӣ, ки ҳар кадом дар самтҳои алоҳида масъул мебошанд, дар ҳайати гурӯҳ тайёрии ҷангӣ, ҳолати омодабошиву сафарбарӣ, хизмати қӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбӣ, аслиҳа ва техника, тайёрии ватандӯстӣ, тартибу интизом ва ҳолату хизмати ақибгоҳро дар қисмҳои ҳарбӣ мавриди санҷиш қарор доданд.

Масъулини Сарситод дар самти хизмати қаровулӣ ва бехатарии хизмати ҳарбӣ, ки дар ҳайати комиссия иштирок доштанд, фаъолият ва ҳолати пешбарии хизмати қаровулиро дар нуқтаҳои назорати гузаргоҳӣ, шаҳрчаҳои қаровулӣ ва қаровулхона мавриди санҷиш қарор доданд. Қобили зикр аст, ки ҳар сол барои муайян намудани беҳтаринҳо озмун гузаронида мешавад. Тибқи низомномаи озмун дар нуқтаҳои назоратӣ ҳолати бино, воситаҳои алоқа, лавҳаи ҳуҷҷатҳо, ҷевон ва дигар ашёҳое, ки барои пешбарии хизмат заруранд, санҷида мешавад. Ҳамин тавр, дар шаҳрчаҳои қаровулӣ ва қаровулхонаҳои қисмҳои ҳарбӣ мавҷуд будани ашё ва дигар воситаҳои ҳарбӣ ва маишии хизматчиёни ҳарбӣ мавриди санҷиш қарор гирифт. Дар натиҷа, қаровулхонаи беҳтарин қисмҳои ҳарбии 051059, 051062, 051063, шаҳрчаи қаровулии беҳтарин қисмҳои ҳарбии 051056,051057,051058 ва нуқтаи назорати гузаргоҳии беҳтарин қисмҳои ҳарбии 051055,051054 ва 051060 дониста шуданд.

Дар ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ, ки дар гарнизони Душанбе ҷойгир шудаанд, комиссия фаъолияти худро аз субҳи барвақт бо эълони бонги санҷишӣ оғоз кард. Пӯшида нест, ки ин чорабинӣ бо мақсади муайян кардани сатҳи омодабошии ҳайати шахсӣ ногаҳонӣ гузаронида мешавад. Тартибу низом ва тамоми фаъолияти хизматчиёни ҳарбиро дар Артиш талаботи оинномаҳои Қувваҳои Муссаллаҳ таъмин менамояд. Дар асоси ин ҳуҷҷати роҳбарикунанда ва нақшаи кории комиссия амали ҳайати шахсӣ сурат гирифт. Ҳайати шахсии қисми ҳарбӣ мувофиқи қарори командир ва нақшаи тасдиқгардида амал карда, бо амри гирифташуда дар асоси талаботи ҷорӣ ва мувофиқи қуввабу воситаҳо дар вақт ва ҷойи муайян барои иҷрои вазифаҳои ҷангӣ саф оростанд. Амали воҳидҳо дар ҳамоҳангӣ ва мувофиқа иҷро карда шуд, ки он натиҷаи машқҳои пайвастаи ҳайати шахсӣ ва ҷидду ҷаҳди ҳайати роҳбарикунанда мебошад.

Экипажҳои техникаи ҷангӣ ва автомобилӣ бо маҳорати баланди ҳарбӣ ҷойҳои худро ишғол намуданд. Бояд қайд намоем, ки идора карданни техникаҳои вазнини ҷангӣ, ки ин вазифаро сарбозон иҷро карданд, чусту чолокӣ, ҳушёриву зиракӣ, дониши техникӣ ва маҳорату малакаи зиёдро талаб мекунад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда сарбозон - ҳайати шахсии воҳидҳои танкӣ, мошинҳои ҷангии пиёдаинзом, артиллерия ва дигар воҳидҳои зудамал вазифаҳои ҷангии худро моҳирона, бедушворӣ



ва саривақт иҷро карда, мавқеи худро ишғол карданд. Тартиби иҷрои ин амалҳоро мушоҳида карда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳайати шахсӣ аз иҷрои вазифаҳои дар наздашон гузошташуда бедушворӣ мебароянд. Ин гуфтаҳоро дар мисоли амали оташфишонии воҳидҳои артиллерӣ дида метавонем, ки чанде пештар аз санҷишҳо дар машқгоҳи саҳроӣ гузаронда шуд. Ҷузъу томҳои артиллерӣ маҳорату малакаи касбии хешро сайқал дода, ҳар кадом аз техника ва силоҳи вобасташудаи худ дар масофаҳои гуногун тирпаронии ҷангӣ анҷом дода, ҳадафҳоро ба нишон расонданд.

Амали ҳайати шахсиро ҳайати фармондеҳӣ дар мавқеи омодагӣ таҳлил карда, камбудӣ ва муваффақияти иҷрои вазифаҳоро баҳогузорӣ намуданд, дар натиҷа амали воҳиди мошинҳои зиреҳпӯши ҷангӣ ва мошинҳои ҷангии пиёдаинзом саривақт ва беҳтар дониста шуд. Пас аз анҷоми машғулиятҳо бо мақсади истифодаи дурусти воситаҳои техникӣ ва иҷрои баъзе аз амалҳо оид ба вазифагузории командирони хурд, пайдарпай ва идора намудани амалҳои минбаъдаи ҳайати шахсӣ аз тарафи афсарони собиқадор ба қисму воҳидҳои алоҳида, ёрии амалӣ расонида шуд. Ба муваффақиятҳои хизматӣ нигоҳ накарда, ҳайати роҳбарӣ дар пайи боз ҳам баланд бардоштани савияи дониши афсарон ва маҳорати сарбозон кӯшиш мекунанд.

Самти дигари санҷиши маҷмӯӣ дар қисмҳои ҳарбӣ таҳияи ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда, муайян намудани сатҳи донишу малакаи афсарон оид ба фанҳои таълимиву тайёрӣ, иҷрои меъёрҳои тайёрии оташфишонӣ, тайёрии ҷисмонӣ, тарбияи ҳарбӣ ватандӯстиро дар бар гирифт. Ҳайати афсарон аз фанҳои зарурӣ, ки дар асоси он фаъолияти ҳамарӯзаи хизматиро ба роҳ мондаанд, санҷиш супорида, маҳорату малакаи касбии хешро муайян карданд. Дар асоси ҷамъбасти фаъолияти ҳайати роҳбарикунанда, барои такмил додани донишу маҳорати хизматчиёни ҳарбӣ ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани тайёрии ҷангӣ ба командирони зинаҳои гуногун тавсия дода шуд, ки дар машғулиятҳои таълимӣ омӯзиши ҳатмии дастурҳои таълимӣ, аслиҳаву техникаи муосири ҷангӣ, навгониҳои илму технология дар Артиши ҷаҳонро мувофиқ ба шароит ва замони муосир ба роҳ монанд. Ҳамчунин аз муборизаҳои иттилоотӣ, идеологию сиёсӣ бехабар намонда, ҳушёриву зиракиро аз даст надиҳанд. Ҳар як афсар ба ғайр аз софдилонаву содиқона иҷро карданни вазифаҳои хизматӣ, бояд пайваста барои сайқал додани донишу маҳорат ва ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии худ саъю кӯшиш намояд.



Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

# ТАҶРИБА АЗ ҲАМКОРӢ ВА ҲАМОҲАНГСОЗӢ



Яке аз чорабиниҳои муҳим дар хизмати ҳарбӣ омодагӣ ба давраҳои таҳсил мебошад, ки хизматчиёни ҳарбӣ барои бомуваффақият гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва ҳар чӣ бештар аз худ намудани донишҳои назариявӣ ва амалӣ ҳаматарафа тайёрӣ мебинанд.

Дар доираи ин омодагӣ гузаронидани ҷамъомадҳои таълимӣ - усулӣ ба нақша гирифта мешавад, ки яке аз самтҳои муҳими тайёрӣ ба давраи таҳсилро дар бар мегирад ва он пеш аз саршавии давраҳои таҳсил бо ҳайати роҳбарикунандаи ҷузъу томҳо, командирони қисмҳои ҳарбӣ, муовинони онҳо ва дигар ҳайати роҳбарикунанда гузаронида мешаванд. Мақсад аз доир намудани чунин чорабиниҳо дар навбати аввал баланд бардоштани малакаи касбӣ, такмил додани маҳорату қобилияти ҳайати роҳбарикунанда оид ба идоракунии ҷузъу томҳо, ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳо дар ҳолат ва дараҷаҳои гуногуни омодабошии ҷангӣ, расондани талаботи директива, фармонҳо, тартибу ташкили коргузорӣ, пешниҳоди таҷрибаи пешқадам ва сайқал додани маҳорати касбии хизматчиёни ҳарбӣ, ба хусус ҳайати фармондеҳии ҷузъу томҳо мебошад.

Дар ҷамъомади таълимии сардорони ситод, ки таҳти роҳбарии Сардори Сарситод-муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллӣ генерал-майори гвардия Азаматзода Баҳриддин баргузор гардид, фарогирии мавзӯъ ва машғулиятҳо хеле васеъ интихоб гардида, масъулин дар самтҳои бақайдгирии ҳайати шахсӣ, нуқтаи идоракунӣ ва ташкили кор дар он, хизмати кӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбӣ, тайёрии алоқа, тартиби омодасозӣ ва барасмиятдарории парвандаҳо барои бойгонӣ мубодилаи афкор намуданд. Дар баробари ин масъалаҳои ҳалталаби хизматро баррасӣ карда, аз натиҷаҳои фаъолияташон дар қисмҳои ҳарбӣ маълумот доданд. Ҷамъбасти фаъолияти ситодҳо дар соли 2024 ва муайян намудани самтҳои асосии хизмат дар соли 2025 қисмати хотимавии ҷамъомади таълимӣ гардид.



Нишондоди асосиро дар иҷрои вазифаҳо ва дар майдони набард сатҳи омодагӣ, қобилияту маҳорати ҷангии хизматчиёни ҳарбӣ муайян мекунад. Бо ин мақсад, такмил додани маҳорату малакаи касбии муовинони командирон оид ба тайёрии ҷангӣ ва махсус доир ба дуруст ташкил намудани фаъолияти ҳамарӯза ва ба роҳ мондани тайёрии ҷангӣ дар ҷузъу томҳо машғулиятҳои намоишӣ дар Маркази миллии таълимӣ оид ба мубориза бо терроризм ва маводи мухадири Гвардияи миллӣ, таҳти назорати муовини фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба тайёрии ҷангӣ ва махсус полковники гвардия Давлатзода Талбидагӣ гузаронида шуд. Тартиби коркарди ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда ҳангоми ташкил ва гузаронидани таълимоти ҳарбӣ, тартиби ташкил ва таҷҳизонидани нуқтаҳои оташфишонӣ барои ҷузъу томҳо, қоидаҳои тирпаронӣ аз силоҳи гуногун ва истифодаи воситаҳои ёрирасони тирпаронӣ аз мавзӯъҳои асосии ҷамъомади масъулини самти тайёрии ҷангӣ буд.

Бояд қайд намоем, ки маҳз ҳамин нафарон дар фаъолияти ҳамарӯзаи қисмҳои ҳарбӣ омӯзиши фанни тайёрии ҷангиро ташкил карда, истифода бурдани техника, силоҳу муҳимот, воситаҳои махсусро ба ҳайати шахсӣ меомӯзонанд. Ба таври дигар ба даст овардани маҳорату малакаи касбии ҳайати шахсӣ аз масъулияту дониши масъулини самти тайёрии ҷангӣ вобастагии зиёд дорад. Ҳамаи инро ба инобат гирифта мавзӯъ ва машғулиятҳои ҷамъомади муовинони командирон оид ба тайёрии ҷангӣ мутобиқ ба барномаҳои таълимии ҳайати шахсӣ дар қисмҳои ҳарбӣ гузаронида шуд.



Дар идомаи ҷамъомад иштирокчиён фаъолияти самти тайёрии ҷангиро дар соли хониши 2024, таҳлилҳои ҳафтаина, ҷамъомаду таълимоти тирпароние, ки дар қисмҳои ҳарбӣ гузаронида шудаанд, таҳлилу баррасӣ намуданд.

Машғулиятҳои таълимӣ бо хизматчиёни ҳарбие, ки бевосита бо аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ва дигар воситаҳои нақлиёт сарукор доранд, дар Маркази миллии таълимӣ оид ба мубориза бо терроризм ва маводи мухадири Гвардияи миллӣ ва фармондеҳӣ ба таври назариявӣ ва амалӣ гузаронида шуд. Роҳбарони машғулият аз ҳисоби афсарони болаёқат, сардорони шуъбаҳои раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбии фармондеҳӣ интихоб гардиданд. Ҷамъомад аз иҷрои машқҳои амалии тирпаронӣ аз силоҳҳои муосир, ки имрӯз дар истифодаи ҳайати шахсии гвардия қарор доранд, оғоз гардид.



Ташкили таъминоти техникӣ ва тайёрии мутахассисони хурди техникӣ, масъулияти моддии хизматчиёни ҳарбӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи “Стратегияи миллӣ оид ба мубориза бо коррупсия” ва ба ин монанд мавзӯъҳо асоси машғулиятҳоро ташкил намуд, ки дар таҳлилу баррасии онҳо бевосита муовини фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ генерал- майори гвардия Самарзода Қиёмиддин иштирок намуд. Дар охири ҷамъомад ҳайати роҳбарикунанда фаъолияти масъулини соҳаро дар соли 2024 ҷамъбаст намуда, барои пешрафту боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани вазифаву уҳдадориҳои муовинони командирон оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбии ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ дар нимсолаи аввали соли 2025, вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Ҷамъомади таълимии муовинони командирони қисмҳои ҳарбӣ оид ба ақибгоҳ дар заминаи қисми ҳарбии 051055, таҳти назорати муовини фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба ақибгоҳ полковники гвардия Бобозода Лутфулло сурат гирифт. Ташкилу тартиби таъминот бо озуқа, реҷаи банақшагирӣ, тақсимбандии маводи хӯрока аз рӯи меъёрҳои муқарраргардида дар қисмҳои ҳарбӣ аз мавзӯъҳои асосии ҷорабинӣ буд, ки аз тарафи афсарони ботаҷриба раёсати ақибгоҳ ба иштирокчиён расонда шуд. Албатта, ин нишондод, ташкилу тартиби корро масъулини самти ақибгоҳ хуб медонанд, вале дар раванди хизмат ва фаъолияти ҳамарӯза мушкилиҳои худро дорад. Ҳайати роҳбарикунанда ҳамин норасоӣ ва камбудиҳои хизматро дар раванди ҷамъомад таҳлил намуда, роҳи ҳалли масъалаҳоро дар мубодилаву истифодаи таҷрибаи ҳамдигар мавриди баррасӣ қарор доданд. Мақсад ҳам аз гузаронидани ҷамъомадҳои мазкур ҳамин аст, яъне, дар ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ баланд бардоштани малакаи касбии сардорон, командирони сатҳу зинаҳои гуногуни хизмат.



Талаботи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷроиши ҳуҷҷатҳо, Дастурамали коргузорӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи дигар ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда дуруст ба роҳ мондани фаъолияти коргузории ғайримахфӣ, баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва масъулияти шахсони иҷрокунанда аз мавзӯъҳои асосии ҷамъомади сардорони қисмҳои сафӣ ва шуъбаҳои кадр буд, ки аз тарафи раёсатҳои корҳо, кадрҳо ва таълимоти ҳарбии фармондеҳии Гвардияи миллӣ гузаронида шуд.



Яке аз воситаи идоракунии қӯшунҳо алоқа аст, ки дар замони муосир бо суръати баланд инкишоф ёфта, пеш меравад. Ҷомеаи ҷаҳон дар тамоми самтҳои ҳаёт аз он хеле васеу моҳирона ва пурсамар истифода мебаранд. Артиш ҳам аз ин дастоварди башар, яъне алоқа бенасиб нест. Ҳайати шахсӣ барои осон намудани иҷрои вазифаҳо, сариваќт дастрас шудани маълумот аз намудҳои гуногуни он истифода мебаранд. Қобили зикр аст, ки барои истифодаи воситаҳои алоқа, радиодастгоҳҳо доштани маълумоти умумӣ дар бораи навъу намудҳои он кифоя нест, балки донистани тартибу хусусиятҳои кори он, хизматрасонӣ, нигаҳдорӣ, баҳисобгирии он хеле муҳим аст. Ҷамъомади таълимии сардорони шуъбаву хадамоти алоқаи ҷузъу томҳо маҳз ҳамин мавзӯъҳоро дар бар гирифт. Машғулиятҳоро подполковники гвардия Шарифзода Зариф, сардори шуъбаи алоқаи Сарситоди Гвардияи миллӣ назариявӣ ва амалӣ бо иштирокчиёни ҷамъомад гузаронд. Номбурда рафти машғулиятҳоро назорат карда, фаъолият ва маҳорату қобилияти касбии тобеонро таҳлилу баҳогузорӣ кард.



Чуноне ки аз рафти ҷамъомадҳои таълимӣ, маълумоти ҳайати роҳбарикунандаи самтҳои асосии хизмат ва масъулони қисмҳои ҳарбӣ дар давраи ҳисоботӣ маълум гардид, фаъолияти ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ ва иҷроиши вазифаҳои хизматӣ дар соли 2024, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, ҷузъу томҳо ба дастоварду нишондодҳои хуб ноил гардидаанд.

Хайринисо КОМИЛЗОДА



подполковники гвардия
Фарҳод МУЗАФФАРИЁН,
сардори шуъбачаи раёсат оид ба
корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ

# Мубодилаи таҷриба

## Ҷамъомади дурӯзаи таълимӣ-методӣ бо муовинони командирони қисмҳои ҳарбӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ дар ҷамъбасти соли хониши 2024



Рӯзҳои 13 - 14 декабри соли ҷорӣ дар заминаи қисми ҳарбии 051064 ҷамъомади таълимӣ-методӣ бо муовинони командирони қисмҳои ҳарбӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ ташкилу баргузор гардид. Бахри рангорангу таъсирбахш ва дар сатҳи баланд гузаронидани ҷамъомади мазкур роҳбарони машғулиятҳо аз ҳисоби мутахассисони раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ, ки устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошанд, инчунин намояндагони Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимњо назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардида буданд. Мавзуъҳои таълимӣ низ аксаран хусусияти таълимию методӣ дошта, бахри расонидани кумаки методӣ дар фаъолияти хизматии иштирокчиёни ҷамъомад интихоб гардида буданд. Масалан: аз ҷониби дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, мутахассиси Раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ Хуршед Холов дар мавзуи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» машғулият гузаронида шуд, ки дар рафти он ба иштирокчиёни ҷамъомад доир ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбия, заминаҳои тарбияи миллӣ, унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ ва марҳилаҳои тарбия маълумоти муфассал дода шуд, ки онҳо метавонанд ин донишҳои худро дар татбиқи амалии Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд.

Мутахассиси раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ Ҷурабоев Ҷонибек бошад дар мавзуи «Качрафторӣ дар хизмати ҳарбӣ» машғулият гузаронида, доир ба качрафторӣ дар хизматчиёни ҳарбӣ ва намудҳои он, качрафторӣ дар вазъияти ҷангӣ ва дигар ҳолату хусусиятҳо ба ҳозирин маълумоти дақиқ дод.

Аз ҷониби намояндаи Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон подполковники адлия Мусаввирзода Ҷамшед дар мавзуи «Сабаб ва асосҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ. Таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ. Тартиби азназаргузаронии ҷойи ҳодиса» машғулият гузаронида шуда, ба иштирокчиён, ки бевосита таҳқиқчиёни қисмҳои ҳарбӣ ва масъули тарбияи ҳайати шахсӣ мебошанд, доир ба таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, тартиби оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ, аз рӯи тобеияти фиристодани парванда ба мақомоти прокуратураи ҳарбӣ, инчунин азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ки яке аз муҳимтарин раванди тафтишот мебошад, маълумоти муфассал дода шуд.

Ҳамзамон, аз ҷониби намояндагони Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Аминов Бурҳониддин ва Чилахонзода Раҷабалӣ дар мавзуи «Тартиби дурусти ҳуҷҷатгузории комиссияҳои ҷамъиятӣ ва иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба танзими ҷашну маросими хизматчиёни ҳарбӣ» машғулият гузаронида шуд. Дар ин машғулият аксарият фаъол буданд ва он бештар ба таври мубоҳиса сурат гирифта, намояндагони Кумитаи мазкур бахри риояи дақиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», фаъолияти дурусти комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҷашну маросими хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ дар ин самт ба ҳозирин тавсияҳои муфид дода, кумаки методӣ расонданд. Дар анҷоми машғулият бахри пешрафти кор ба ҳозирин шакли электронии ҳуҷҷатгузории намунавӣ дар ин самт пешниҳод карда шуд.

Машғулияти дигаре, ки ниҳоят таъсирбахш гузашт дар мавзуи «Созмону ҳаракатҳои террористию экстремистӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории онҳо» аз ҷониби намояндаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон капитан Исайнов Мехрдод гузаронида шуд. Машғулияти мазкур аз рӯи мазмуну мӯҳтаво барои баланд бардоштани масъулияти шахсӣ ва ҳушёрию зиракии сиёсии иштирокчиён хеле саривақтӣ ва муҳим буда, дар рафти он доир ба мақсаду маром ва роҳу усулҳои фаъолияти созмону ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, сарчашмаҳои маблағгузории онҳо, хатари онҳо ба ҷамъият, хусусан сулҳу субот ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳои зарурӣ дода шуд. Ҳамзамон, аз ҷониби роҳбари машғулият вобаста ба омӯзиши дақиқи ҳаёти шахсӣ, муайянкунӣ ва пешгирии шомилшавии хизматчиёни ҳарбӣ ба чунин созмону ҳаракатҳо ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба роҳ мондани ҳамкории зич тавсияҳои мушаххас дода шуд.

Бояд зикр намуд, ки ҳамаи машғулиятҳо тавассути воситаи аёнии «проектор» ба тариқи «слайд»-ҳо гузаронида шуданд ва аз ҷониби муовини Фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ полковники гвардия Собириён М. ба иштирокчиён дастур дода шуд, ки дар қисмҳои ҳарбӣ низ бо дигар масъулини самти корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ ҷамъомадҳои дурӯзаи таълимӣ-методӣ дар сатҳи баланди ташкилӣ ва бо омодагии хуб ташкилу гузаронида шаванд.

Ҳамин тариқ, тибқи нақшаи тасдиқшуда, нимаи дуюми санаи 14 декабри соли равон маҷлиси ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти самти корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ дар соли хониши 2024 баргузор гардид.

---

***Низоми корҳои тарбиявӣ бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, пеш аз ҳама, дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, интизоми қатъӣ ва маҳорату малакаи ҳамаҷонибаи ҳарбӣ тарбият ёбанд. Онҳо бо масъулияти баланд бояд дарк намоянд, ки артиш симои миллат ва шарти пойдории давлат аст.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

# Командиронро зарур аст, ки…



Дар моҳҳои ноябр ва декабри соли 2024 тибқи Нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллӣ вобаста ба назорат ва иҷрои талаботи Директиваи Фармондеҳи Гвардияи миллӣ таҳти №58 аз 5 майи соли 2009 «Дар бораи беҳтар намудани сатҳи таълиму тарбияи сержантон дар қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ», оиди интихоби номзадҳо ба ҳайси командирони отделенияҳо, мутахассисони хурд ва азназаргузаронии омодагии базаи моддӣ-таълимӣ барои мавсими хониши зимистони соли 2025 аз ҳама қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ дидан намудем. Дар ин раванд бо ҳайати шахсии тибқи даъват, барои ҷалб намудани онҳо ба курси мутахассисон ва минбаъд идома додани хизмат дар сафҳои Гвардияи миллӣ суҳбату вохурӣ доир намудем.

Дар натиҷа маълум гардид, ки дар ҳам қисмҳои ҳарбӣ барои таълиму тарбияи хизматчиёни ҳарбӣ, сержантон шароити мусоиди хизмат муҳайё карда шудааст. Аз ҷумла, мувофиқи талаботи Директиваи Фармондеҳи Гвардияи миллӣ №58 аз 5 майи соли 2009 дар қисмҳои ҳарбии 051052, 051054, 051055, 051057, 051058, 051059, 051064 гӯша ва синфхона барои сержантон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Вале талаботи мазкур, яъне муҷҷаҳаз намудани гӯшаи сержантони фаъол ё ташкил намудани синфхонаи сержантон дар қисмҳои ҳарбии 051060, 051061, 051062, 051063 то охир иҷро нагаштааст.

Оиди омодагии базаи моддӣ-таълимӣ хизмати шоистаи командирони қисмҳои ҳарбии 051054, 051055, 051056- ро қайд намудан зарур аст, ки омодагии хубтар дидаанд. Ба дигар қисмҳои ҳарбӣ, бо мақсади ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, ки ба командирони сатҳу зинаҳои гуногун дахл дошт, дастур ва ёрии амалӣ расонда шуд.

Ҳангоми интихоби номзадҳо бошад, пеш аз ҳама қобилияту маҳорати командирӣ, сатҳи дониш оид ба донистани талаботи Оинномаи Сафоҳии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарбияи ҷисмонӣ ва дигар арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии сарбозон ба инобат гирифта шуд. Дар вақти интихоби номзадҳо ба курси командирони отделения ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбии 051055, 051056 051059 ва сарбозони дар ҳифзи Норак қарордошта, хеле фаъол буданд.

Дар натиҷаи суҳбату вохурӣ ва интихоби номзадҳо зиёда аз 160 нафар хизматчиёни ҳарбӣ ба курси тайёрии командирони отделенияҳо арзанда дониста шуда, феҳрасти баҳогузорӣ ва ҳуҷҷатҳо оиди санҷиши номзадҳо ба Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллӣ супорида шуд.

Дар асоси санҷиши фаъолияти қисмҳои ҳарбӣ дар самтҳои зикргардида, командирони тамоми зинаҳои хизмати ҳарбиро зарур аст:

1. Аз камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар раванди таълиму тарбияи сержантон ошкор гардид, хулосаи зарурӣ бароварда, барои беҳтар ба роҳ мондани таълиму тарбияи сержантон саъю кӯшиш намоянд. То ин ки сержантон барои сарбозон ва афсарон барои сержантон намунаи ибрат ва ёрдамчии боэътимод бошанд.
2. Кор бо ҳайати сержантон бояд қисми муҳими фаъолияти ҳар як командири рота ва муовинони онҳо оид ба корҳои сиёсӣ - тарбиявӣ бошад ва зери назорати қатъии командирони қисмҳои ҳарбӣ ва муовинони онҳо қарор гирад.
3. Дар оянда номзадҳо барои пешниҳод ба курси командирони отделения аз чор мавсими даъвати сарбозон интихоб карда шавад.
4. Барои интихоб ва омӯзиши номзадҳо ба курсҳои таълимӣ бо фармони командири қисми ҳарбӣ аз ҳисоби муовини командир оид ба тайёрии ҷангӣ ва афсарони болаёқат комиссияи доимоамалкунанда таъсис дода шавад.

Генерал- майори мустаъфӣ
Қалъадор БАҚОЕВ,
мушовири Фармондеҳи
Гвардияи миллӣ

полковники гвардия
Айёмиддин ҚИЁМЗОДА,
сардори шуъбаи илмӣ – ҳарбӣ,
раёсати тайёрии ҷангӣ

# Давоми муваффақиятҳои Гулрез



Сержанти гвардия Гулрез Гулчинов дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёна таҳсилро дар Коллеҷи техникии ба номи Муҳаммадҷон Осимӣ давом додааст. Аз моҳи апрели соли 2023 хизмати ҳарбиро ихтиёр карда, яке аз хизматчиёни ҳарбии фаъолу лаёқатманди қисми ҳарбии 051059 мебошад.

Тарбияи дурусти волидон, мактабу коллеҷ ва кӯшишу ғайраташ ӯро комёбу сарбаланд гардонд. Иродаи қавӣ, ҷасорату мардонагӣ сабаб шуд, ки Гулрез бо ҳамроҳии як гурӯҳ ҳамсинфон аҳд карданд, ки хизмати ҳарбиро сарбаландона анҷом медиҳанд. Ин саъю кӯшиш, ғайрати Гулрез имкон дод, ки ӯ ҳамчун сарбоз дар муддати кӯтоҳ талаботи Оинномаҳои умумиҳарбӣ ва дастуру супоришҳои роҳбарияти қисми ҳарбиро аз худ намояд. Маҳорату қобилияти ӯро дида, командирон Гулрезро ба курсҳои кӯтоҳмуддат ҷалб намуданд. Курси тайёрии командирони хурдро Гулрез бомуваффақият хатм намуда, сазовори рутбаи сержанти хурд гардид. Ӯ акнун командири отделения мебошад.

Сержанти гвардия Гулчинов Гулрез барои интизоми намунавӣ, таълиму тарбияи зертобеон, иштироки фаъолона дар мусобиқаҳои варзишӣ чандин маротиба аз тарафи ҳайати роҳбарикунанда ҳавасманд гадонида шудааст. Аз ҷумла, бо фармони Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ дар байни ҷузъу томҳои гвардия бо «Ифтихорнома» ва «Ҷом», барои ҷойи дуюм дар озмуни «Механик-ронандаи беҳтарин» бо медали дараҷаи 2-юм ва барои хизмати софдилона аз номи командири қисми ҳарбии 051059 бо дигар намуди ҳавасмандгардонӣ қадр карда шудааст.

Гулрез доимо кӯшиш мекунад, ки вазифаҳои базимадоштаашро бекамбудӣ, саривақт иҷро намояд. Ӯ мустақил, хушмуомила ва нисбати худу ҳамхизматон серталаб мебошад. Дар корҳои тарбиявӣ ба Гурлрез такя кардан мумкин аст.

Фаъолияти сержант Гулчиновро мушоҳида карда, ба командирони взводҳо, ротаҳо, баталиёнҳо ва бригадаҳо тавсия медиҳем, ки таълиму тарбия, муносибатро бо сержантон дар асоси талаботи Директиваи Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди таълиму тарбияи сержантон» ба роҳ монанд.

Сержантҳо барои иҷрои амалҳои дурусти зердастон ҷавобгаранд. Дар ин ҷо асосан мисли Гулрез намуна будан, нисбат ба хизмат муносибати софдилона доштан, ниҳоят муҳим мебошад.

Бо пешниҳоди ин матлаб боварии комил дорам, ки сержанти гвардия Гулрез Гулчинов ҳамчун ҷавонмарди асил дар хизмати ҳарбӣ обутоб ёфта, сарбозони зиёдро дар ҳамин рӯҳия тарбия мекунад.

генерал- майори мустаъфӣ
Қ. БАҚОЕВ,
мушовири Фармондеҳи Гвардияи миллииҶумҳурии Тоҷикистон

# 2025 соли Мори сабзи чӯбӣ

Тибқи солшуморӣ дар Чин соли 2025 соли Мори сабзи чӯбӣ мебошад ва он мувофиқи ақидаи фолклоршиносон «расман аз 10-уми феврал оғоз меёбад. Аммо дар фарҳанги суннати тоҷикон ва баъзе халқҳои Осиёи Марказӣ соли ин ва ё он ҷонвари ҳисоби мучалро аз фарорасии Наврӯз медонанд».

Мор дар Чин, дар афсонаву ривоятҳо сарчашмаи маърифату хирад муаррифӣ мешавад. Вай танҳоӣ ва сулҳро афзалтар медонад, ба хулосаи нарм ва муфассал майл дорад. Хеле кам ба назар мерасад, ки мор аввал ҳамла кунад. Аз тарафи дигар, бояд дар хотир дошт, ки вай зуд ва бераҳмона амал мекунад. Заҳраш марговар аст.

Соли мор дар фарҳанги суннатии тоҷикон соли душвор шумурда шудааст. Зеро мор хазандаи зиёнрасон ва гӯшташ дар шариати Ислом ҳаром мебошад. Дар нақлу ривоятҳои халқӣ мор тимсоли бад ва душмани одам буда, ҳамеша дар тазод бо инсон тасвир шудааст. Аммо аз ҷониби дигар мор ҷонвари хушёру доно буда, бо ганҷ алоқа дорад. Мегӯянд, ки мор дар болои ганҷ хоб мекунад. Мор ҷонвари му-




стақил аст, на тарс дорад ва на ба ягон ҳайвон мутеъ аст. Касоне, ки дар соли мор таваллуд шудаанд, донову зирак ва бо ақлу тадбир хоҳанд буд. Мисли мор мустақилиятро дӯст медоранд.

Дар баъзе солшуморӣ одамони дар соли мор таваллудшударо чунин муаррифӣ мекунанд: онҳо далер, қавӣ, боинтизом буда, бо мароми мақсад зиндагӣ мекунанд. Бо мурури замон муваффақ мешаванд. Дар шароити мусоиди таълиму тарбия аз ин одамон шахсиятҳои наҷиб, доно ба воя мерасанд, ки интуитсияи аъло, устуворӣ ва ба зебоӣ майли зиёд доранд. Дар баракси ҳол, яъне дар шароити бад аз онҳо шахсони бениҳоят бераҳм ташаккул меёбад.

Президенти 16 ШМА Авраам Линколн, нависандагон Фёдор Достоевский, Иоганн Гёте, олимон Александр Бородин, Альфред Нобель зери ҳамин бурҷ ба дунё омадаанд.

Сол ва хислати одамони дар соли мор таваллудшавандаро пешгӯӣ кардан душвор аст, вале чизи дигар рушан аст, ки агар шумо илму ҳунар доред, меҳнатдӯсту шахси шоиста ҳастед, пас ҳама номаядгонаи муҷал, аломати зодиак барои шумо мусоид хоҳанд буд.

Таҳияи
Хайринисо КОМИЛЗОДА

# Дар боби АҲДУ ВАФО

Дар «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» -и Ҳусайн Воизи Кошифӣ оварда шудааст, ки подшоҳе аз ҳакиме пурсид, ки мардро кадом сифат азиз мегардонад. Гуфт: «Ба ваъда вафо кардан ва яке аз фазоили ҳусни аҳд он аст, ки бақои ҷаҳон бад-он бозбастааст, зеро ки мадори олам ба салтанат аст ва мадори салтанат бар лашкар ва мулки олам хазоини худро ба ҳашаму лашкар бад-он умед сарф мекунанд, ки ба ҳангоми хуруҷи душман вафо намоянд. Агар аҳду вафо набошад, тартибу низоми ҷаҳон маҳву нобуд гардад. Пас аз тариқи вафо руй набояд тофт ва ба суҳбати вафодорон бояд шитофт».

Аз ин бармеояд, ки инсони комил дар зиндагӣ бояд боиродаву дар сари паймон бошад, ваъдае, ки ба касон медиҳад, ҳамеша аз пушти вафояш бикушад.

***

Дасти вафо дар камари аҳд кун,
То нашавӣ аҳдшикан, ҷаҳд кун.

***

Макун ваъда, в-агар кардӣ, вафо кун,
Тариқи бевафоиро раҳо кун.

***

Сӯҳбати он кас, ки ба сидқу сафост,
Домани ӯ гир, к-аз аҳли вафост

**Н.Ганҷавӣ.**

***

Майли касе кун, ки вафоят кунад,
Ҷон сипари тири балоят кунад.

**Х.Деҳлавӣ**

***

Бегона агар вафо кунад, хеши ман аст,
В-ар хеш ҷафо кунад, бадандеши ман аст.

***

Гар заҳр мувофиқат кунад, тарёк аст,
В-ар нӯш мухолифат кунад, неши ман аст.

**Умари Хайём**

Таҳияи генерал-майори мустаъфӣ
Ҳабибулло ЮСУФОВ,
мушовири калони Фармондеҳи Гвардияи миллӣ

# «Парандаи сол-2025»

## Дуғдоғи беозору зебо дар Тоҷикистон «Парандаи сол-2025» интихоб шуд

Дуғдоғ парандаи хеле беозору зебо буда, дар ҳолати нестшавӣ қарор дорад. Ин паранда дар саҳроҳои Ашту «Бешаи палангон», Зарафшон, поёноби дарёи Кофарниҳон ва Вахшу Панҷ паҳн шудааст. Ҷои зисташ даштҳои санглоху нимбиёбон буда, 2-3 тухм мегузорад ва давоми 21-22 рӯз ҷӯҷа мебарорад.

Аз соли 2008 инҷониб дар Тоҷикистон озмуни «Парандаи сол» баргузор мешавад. Масъули он Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, яке аз парандаҳои нодири Тоҷикистонро бо мақсади барқарор ва афзун намудани саршумори он парандаи сол интихоб менамоянд.

Дар Тоҷикистон зиёда аз 400 намуди парандагонро воҳӯрдан мумкин аст, ки беш аз 180 намуди он парандагони муқимӣ ва зиёда аз 200 намуд парандаҳои кӯчанда ё мусофир мебошанд. 43 намуди паранда, аз қабили лаклаки сафед, шоҳин, лочин, бургут, мурғи тазарв, мурғи хумо, дуғдоғ ва ғайра дар Тоҷикистон ҳамчун парандагони нодир ва зери таҳдиди маҳвшавӣ қарордошта ба «Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дохил шудаанд.

Соли 2023 дар озмун фохтак парандаи соли 2024 интихоб шуда буд.



Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

Ҳайати таҳрир:
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Ёқубҷон Султонализода хабарнигорон.

Мушовирон:
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Зулфикор Гулаҳмадзода, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иктибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

Дизайн: А. Насриддинов

Суратгир: М. Шоев

Адади нашр: 500 нусха